ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарзода Сайфиддин ба диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст**

Маълум аст, ки дар забоншиносии муосир фразеология ҳамчун як қисмати мустақил мавқеъ пайдо кардааст ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни он барои ҳалли бисёре аз масоили мубрами забоншиносӣ мусоидат карда метавонад. Таърихи инкишофи воҳидҳои фразеологӣ рушду нумӯи таркиби луғавии ҳар як забон, фасоҳату салосати онро инъикос менамояд. Аз ин сабаб, омӯзиши масъалаҳои гуногуни фразеология дар забоншиносии тоҷик ҳанӯз аз солҳои 50-уми қарни гузашта оғоз ёфта буд. Қайд кардан зарур аст, ки воҳидҳои фразеологӣ ва ибораҳои маҷозӣ ҳанӯз аз давраҳои дури инкишофи забони адабии тоҷик диққати пажӯҳишгаронро ба худ ҷалб намуда буд. Далели ин гуфтаҳо фарҳангу луғатҳои зиёди тафсирии забони тоҷикӣ мебошанд, ки дар онҳо ба шарҳу тафсири воҳидҳои фразеологӣ аҳаммияти махсус дода мешуд.

Бо вуҷуди он ки то имрӯз паҳлуҳои ғуногуни фразеология тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шуда бошанд ҳам, аммо баъзе аз масъалаҳои марбути шаклгирӣ, сохтор ва инкишофи воҳидҳои фразеологӣ ҳанӯз ҳалли худро наёфтаанд. Маҳз аз ҳамин сабаб диссертант ба масъалаи сохтор ва аз рӯи қолабҳо сохташавии воҳидҳои фразеологӣ даст задааст, ки ҳалли он барои рӯшанӣ андохтан ба бисёре аз паҳлӯҳои норавшани фразеологияи тоҷик мусоидат карда метавонад.

Бо дарназардошти мубрамияти масъалаи мазкур мавзӯи

интихобнамудаи диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» хеле муҳим ва икдоми боҷуръатонае дар тадқиқи хусусиятҳои сохтории фразеологизмҳои забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ намудани хусусиятҳои лексикию маъноӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, таркиби вожагонии ҷузъҳои дохили онҳо, алоқамандии фразеологизмҳои ҳамқолаб бо гунаҳо, муродифот ва мутазодҳои фразеологӣ мебошад. Омӯзиши асосноки мавзӯи мазкур барои ба ҳаллу фасли масъалаҳои то кунун норавшани фразеологияи тоҷик ҷалб намудани пажӯҳишгарон кӯмак расонида метавонад.

Ба масъалаи омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ тадқиқотҳои муҳимми илмие бахшида шудаанд, ки аксаран дар шакли монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ё фаслҳои алоҳидаи кори диссертатсионӣ таҳия шудаанд. Дар ин ҷанба махсусан асару мақолаҳои ҷудогонаи забоншиносони тоҷик А.Мирзоев, Н.Маъсумӣ, Р.Ғаффоров, С.В.Хушенова, М.Фозилов, Ҳ.Маҷидов, Ҳ, Дустов, М.Муслимов, М.Мирзоева, Г.Зогакова, Н.Саидов, Б.Шодиев ва бисёре аз дигаронро қайд кардан бамаврид аст. Дар эроншиносии муосир махсусан аз монографияи Ю.А.Рубинчик «Асосҳои фразеологияи забони форсӣ» ёдовар шудан мумкин аст.

Навоварии илмии кор аз он иборат аст, ки бори аввал сохтор ва маънои фразеологизмҳои ҳамқолаби забони адабии муосири тоҷик ба таври амиқу мушаххас баррасӣ карда мешавад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, объект ва маводи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, навоварии илмии кор, аҳамияти назариявӣ ва амалии он нишон дода шудааст. Ҳамзамон мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот, сохтори рисола нишон дода мешавад.

Боби аввали диссертатсия «Мавқеи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар байни гурӯҳҳои дигари сохтории фразеологияи забони адабии муосири тоҷикӣ» аз ду фасл иборат аст: нишонаҳои лингвистии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва мавқеи қолабҳои фразеологӣ дар байни онҳо. Фасли аввал дар навбати худ ба се зерфасл ҷудо карда шудааст: нишонаҳои асосии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ, нишонаҳои махсус ё идиоматикии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ, мақоми нишонаҳои сохторӣ дар таснифи гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ. Дар қатори аломатҳои асосии воҳидҳои фразеологӣ диссертант яклухтии маъно, устувории сохтору компонентҳо, аз байн рафтан ё хира шудани алоқаи наҳвии ҷузъҳо ва аз нав ҳосилкунии воҳидҳои фразеологиро махсус таъкид менамояд.

Дар баробари маъно воҳидҳои фразеологӣ дар ин боб аз рӯи сохторашон тақсим карда мешаванд. Вобаста ба шабеҳияташон ба сохторҳои наҳвӣ диссертант фразеологизмҳоро ба ҷумлаҳо, ибораҳо, таркибҳои фразеологӣ тақсим намуда, мавқеи воҳидҳои фразеологии ҳамқолабро дар онҳо баррасӣ менамояд. Ибораҳои фразеологӣ ҳамчунин аз рӯи мансубияташон ба ин ё он ҳиссаи нутқ, воситаи алоқаи зоҳирии байни ҷузъҳо тасниф карда мешаванд.

Боби дуюми диссертатсия **«Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва хосиятҳои муҳимтарини онҳо»** номгузорӣ карда шуда, ба муайян намудани хусусиятҳои сохторию маъноии воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бахшида шудааст ва дар навбати худ аз се фасл иборат аст: воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ҳамчун як навъи махсуси сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ, гунаҳои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, омилҳои ташаккули семантикаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикӣ.

Диссертант қайд менамояд, ки дар силсилаи фразеологизмҳои ҳамқолаб маънои умумии воҳидҳои фразеологӣ аз рӯи ҷузъҳои ивазшаванда муайян карда мешавад. Ин ҷузъҳо аксаран ба маънои аслии

худ (маънои озоди луғавӣ ё вожагонӣ) меоянд ва вазни асосии маънoии воҳиди фразеологӣ ба онҳо меафтад. Масалан, чашми *ҳасад* дӯхтан, чашми *умед* дӯхтан, чашми *ҳавас* дӯхтан, чашми *ҳайрат* дӯхтан, чашми *савол* дӯхтан. Чунин хусусиятро мо дар гунаҳо ё худ гунаҳои фразеологӣ мушоҳида намекунем. Ҷузъҳои ба тағйирот дучоргардидаи вариантҳои фразеологӣ аз чунин хусусиятҳои маъноӣ маҳруманд, зеро маънои умумии воҳиди фразеологӣ на ба ҷузъҳои алоҳида, балки ба маънои яклухте вобаста аст, ки аз ҷамъи ҳамаи маънои ҷузъҳои таркиби воҳиди фразеологӣ бармеояд. Масалан, дар вариантҳои фразеологии бо як тир ду *нишон* задан, бо як тир ду *шикор* задан, бо як тир ду *сайд* задан яке аз ҷузъҳои дохили онҳо (шикор, сайд, нишон) ба тағйирот (вариатсия) дучор гардидаанд. Ин ҷузъҳо бархилофи ҷузъҳои ивазшавандаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, ба маънои аслии худ не, балки ба маънои маҷозӣ омадаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо дигар категорияҳои фразеологӣ»** воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар муқоиса бо дигар категорияҳои фразеологӣ – муродифот ва мутазодоти фразеологӣ таҳлил карда мешавад. Диссертант ба таври мушаххас монандӣ ва фарқияти ин категорияҳои фразеологиро дар асоси далелҳои муътамади илмӣ ва маводи тасдиқкунанда ба риштаи тадқиқ кашидааст.

Дар фасли аввали боби охир монандӣ ва фарқияти воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб аз муродифоти фразеологӣ таҳқиқ карда мешавад. Диссертант ба хулосае омадааст, ки нишонаи фарққунандаро дар системаи образнокии воҳидҳои фразеологии муродифӣ ҷустуҷӯ бояд намуд. Дар воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, чи хеле ки маълум аст, низоми якхелаи образнокӣ мушоҳида карда мешавад, аммо дар муродифҳои фразеологӣ бошад, образҳои гуногун ба назар мерасанд. Масалан, дар силсилаи воҳидҳои фразеологие, ки мафҳуми «мурдан»-ро ифода мекунанд, системаи образнокии мухталиф ба назар мерасад: қолаб тиҳӣ кардан, аз дунё чашм пушидан, ба аспи чӯбин савор шудан,

бандагиро ба ҷо овардан, қазо кардан, тосу кӯзаи зиндагиро ғундоштан ва ғайра.

Дар воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бошад на факат образҳои якхела, балки сохтор ва маънои ба ҳам наздик доранд. Ин воҳидҳои фразеологӣ бо роҳи тағйирёбӣ ё ивазшавии яке аз ҷузъҳои таркибиашон сохта мешаванд. Аз ин сабаб, муносибати муродифӣ маҳз дар байни ҳамин ҷузъҳои ивазшаванда мушоҳида мегардад. Масалан, калимаҳои *дунё, ҷаҳон, олам* муродифи ҳамдигар мебошанд. Онҳо ҳамчун ҷузъи ивазшавандаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб барои ифодаи мафҳуми «мурдан» омада, силсилаи воҳидҳои фразеологии **аз дунё чашм пушидан, аз олам чашм пушидан, аз ҷаҳон чашм пушидан**ро ба вуҷуд меоваранд.

Фасли дигари боби мазкур ба муқоисаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо мутазодоти фразеологӣ бахшида шудааст.

Дар қисмати хулосавии диссертатсия натиҷаи тадқиқот ҷамъбаст карда шуда, аз рӯи натиҷаи он хулосаҳои диссертант пешниход карда мешаванд.

Тадқиқоти диссертант Одинаев Саидаҳмад Полвоновичро ҷамъбаст намуда, умуман қайд кардан лозим аст, ки барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсионӣ тадқиқоти аз ҷиҳати илмӣ асоснок пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон эътироф бояд кард, ки муаллифи диссертатсия худро ҳамчун пажуҳишгари бомаҳорат, дорои таҳлилу хулосабарориҳои мувофиқи илмӣ нишон додааст. Дар рисолаи илмӣ ба ғайр аз усули тасвирӣ-системавӣ аз усули оморӣ низ истифода шудааст. Муаллиф дар лобалои кор инъикоси воҳид ҳои фразеологӣ ва шумораи онҳоро дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ва “Фарҳанги ибораҳои рехта”(тартибдиҳанда М.Фозилов) муайян кардааст, ки дар натиҷа қимати илмии кори пажӯҳиши баланд шудааст.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки кори диссертатсионӣ ҳамчун ҳар гуна таҳқиқоти илмӣ аз камбудиҳои муайян орӣ буда наметавонад. Ба зумраи онҳо дохил мешаванд:

1. Рисола аз се боб иборат аст, вале ба назар мерасад, ки ду боби

аввали он аз лиҳози сабку услуб аз боби сеюм, хулоса ва сарсухан фарқ мекунад. Дар сабки навишти боби аввал ва боби дувум таъсири забони русӣ ва тарҷумазадагӣ ҳис мешавад. хатто баҳсҳои забонӣ ҳам дар баъзе ҳолатҳо дар атрофи забони русӣ сурат мегирад. Масалан, дар саҳифаи 58 мо ба чунин ҷумла дучор мешавем: Воҳидҳои фразеологии ҳамқолабро бо истилоҳи «серия», «гнездо», «ряд», «группа», «моделирование» дучор омадан мумкин аст.

2. Муаллиф дар навиштани рисола ба истифодаи истилоҳоти русӣ-аврупоӣ бартарӣ дода, баробариҳои тоҷикии онҳоро камтар истифода мекунад. Ин истилоҳот чунинанд: лексикология-вожашиносӣ, рол-нақш, морфология-сарф, синтаксис-наҳв, грамматика-дастур, семантика-маъно, вариант-гуна, серия-силсила, занҷира, синоним-ҳаммаъно, антоним-зидмаъно ва ғайра. Масалан таваҷҷуҳ кунед ба саҳифаи 60: «1.Серияҳои вариантӣ-синонимӣ 2.Серияҳои синонимӣ 3.Серияҳои антонимӣ».
3. Дар рисола ҷумлаҳое, ки мазмуни нофаҳмо доранд (саҳифаҳои 17-18,106), такрори фикр (саҳ.41-42), ҷумлаҳои мубҳам (саҳ.30,50,60), ҷумлаҳои нодуруст дида мешаванд. Масалан, дар саҳифаи 30 ба ҷойи **нисбат ба** шакли **нисбати** истифода шудааст, ки нодуруст буда, дар солҳои охир чунин тарзи истифода муд шудааст. Ё ин ки дар саҳифаи 60 ибораи «…ҳангоми таҳвилҳои (трансформатсияи) гуногуни нутқ» дида мешавад, ки фикрро нофаҳмо кардааст. Ё ибораҳои «такрористеҳсоли ВФ» (саҳ.45-56), «тараққиёти силсилаи муродифҳо» аз ҳамин қабил ибораҳои душворфаҳманд.
4. Дар рисола ва авторефератҳои тоҷикию русӣ иштибоҳҳои имлоӣ ва техникӣ (рисола- саҳ. 3,6,5,8,16,20,22,24,28,29,30, 32, 34, 37, 38, 41, 50, 52, 61, 66, 67, 68, 70, 74, 79, 83, 94, 113, 126, 130; автореферати тоҷикӣ-саҳ. 4,5,8,9,10,11,12,13,14,15,16,19,22,24;

автореферати русӣ-саҳ.5,11,15,16,17,21,22,23,24,26 зиёд дида мешавад.

Автореферат ва мақолаҳои нашркардаи диссертант ба дараҷаи кофӣ мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Умуман, камбудиҳои зикршуда, ба ҳеҷ ваҷҳ қимати назариявӣ ва амалии диссертатсияро коста намегардонад. Кори диссертатсионии Одинаев Саидаҳмад Полвонович «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» тадқиқоти анҷомёфтаи илмӣ мебошад ва дар ҳаллу фасли масъалаи нисбатан мубраму гуногунҷабҳаи фразеологияи тоҷик – сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикӣ саҳми боризе дорад ва муаллифи он пурра барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Мудири шуъбаи луғат ва
истилоҳоти Институти забон ва
адабиёти ба номи Абӯабдулло
Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
Узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарзода С.

Суроға; 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21
Тел. 227 11 70

Имзои Назарзода С.-ро тасдиқ мекунам.
Мудири ШК Институти забон ва адабиёти
ба номи А. Рӯдакии АИ ҶТ Ибрагимова Зулайхо